## ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD

Парвандаи аттестатсионии № __________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 04 июли соли 2024, таҳти №30

Барои сазовор донистани Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа).

Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» дар таърихи 25-уми апрели соли 2024, суратмаҷлиси №27 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Каримов Қадриддин Облобердиевич, соли таваллудаш 17 июни соли 1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Солҳои 2009-2013 дар ихтисоси таърих ва ҳуқуқи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил кардааст. Солҳои 2013-2016 дар магистратураи Донишгоҳи давлатии шаҳри Томски Федератсияи Россия таҳсил намуда, онро аз руйи ихтисоси таърихи умумӣ хатм намудааст. Солҳои 2016-2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Султонзода Соқӣ Аслон – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқarrизони расмӣ:**

**Мамадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ;

**Зокирзода Нусратулло Мелик** – номзади илмҳои фалсафа, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.ф., дотсент Элчибекова М.О. омода карда шуда, аз ҷониби мудири кафедраи ҷомеашиносии, н.и.п., дотсент Ҳайдарова А.А. ба имзо расида, аз ҷониби ректори ҳамин Донишгоҳ, д.и.и, профессор Асрорзода У.С тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» ба бандҳои 30-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он Каримов Қадриддин Облобердиевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Каримов Қ.О. алоқамандии зич доранд.

Довталаб зиёда аз 5 мақолаи чопӣ дорад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Самиев Б.Ҷ., Каримов Қ.О. Консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва моҳияти фалсафии он. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Ахбори АИ ҶТ. - Душанбе, 2020. - № 4 (261). – С. 55-59.

2. Каримов Қ.О. Пайдоиши маорифпарварӣ дар Франсия ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - №7. – С. 195 – 201.

3. Каримов Қ.О. Ихтилофи байни зиндагии табиӣ бо зиндагии мутамаддин аз дидгоҳи Жан Жак Руссо. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсила: илмҳои фалсафӣ. - Душанбе, 2021. - №1 (1). – С.29 – 35.

4. Каримов Қ.О. Таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори ислоҳотхоҳии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдӣ. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4. – С. 343 - 348.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДДТТ ба номи А.И.Сино – **Азимова М.М.** (тақриз мусбат буда, эрод надорад);

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ – **Қурбоншоев И.Ҷ.** (тақриз мусбат арзёбӣ гардида чунин эродҳо дорад: - 1. дар автореферати диссертатсия нақши Аҳмади Дониш ва Жан Жак Руссо ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст. 2. Дар автореферат ақидаҳои олимони саршиноси тоҷик, ақалан номи баъзеи онҳое, ки дар шинохти Аҳмади Дониш корҳои илмии зиёд анҷом додаанд ба таври пурра оварда нашудааст);

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур – **Раҳматов У.Н.** (тақриз мусбат буда, эрод надорад)

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта ва пешниҳодҳо манзур шудааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа), дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Ж.Ж.Руссо ва АҳмадиДониш **коркард карда шуданд**;
- **исбот карда шуд**, ки осори арзишманди маорифпарваронаи Жан Жак Руссо – олими фаронсавӣ, файласуф ва педагог ва Аҳмади Дониш – мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар

Осиёи Марказӣ – ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд. Мазмун ва моҳияти осори фалсафии онҳо натанҳо файласуфони муосир, балки тамоми инсонҳоеро, ки кӯшиши дарки ҷаҳон ва ҳастии инсонро доранд, ба худ ҷалб менамояд. Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.

- **қайд карда мешавад**, ки дар омӯзиши масоили марбут ба маорифпарварӣ ва ҷадидия аз замони Шӯравӣ сар карда, то ҳол миёни файласуфону адабиётшиносон, муаррихону сиёсатшиносон баҳсҳои доманадор идома дорад.
- таҳқиқи паҳлуҳои алоҳидаи афкори маорифпарварон, саҳми онҳо дар рушди ҷомеа, бедорӣ ва густариши маънавиёт, масъалаи асоснок кардани ҷанбаҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи таълимоти маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна, масъалаҳои меҳварии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ аз ҷониби Ж.Ж. Руссо ва А. Дониш, ки муаррификунандаи арзишҳои фарҳангии ду минтақаи аз ҳам тафовутдошта мебошанд, **пешниҳод карда мешавад.**
- муайян гардидааст, ки маорифпарварии Осиёи Миёна дар заминаи маорифпарварии аврупоӣ ба воситаи фарҳанги рус ташаккул ёфтааст. Дар ҳар ду ҳолат мақсад ягона аст – маърифатнок кардани мардум, вале аз ҷиҳати шароити иҷтимоӣ, афкори маорифпарварон фарқиятҳои зиёд низ байни ҷараёнҳои маорифпарварии ҳам Аврупо ва ҳам Шарқ мавҷуд аст. Ошкор гардид, ки Ж.Ж. Руссо дар қиёс бо А. Дониш бештар дар мусофират ва саргардониҳо ҳаёт ба сар бурдааст, вале ба хотири андешаҳои созанда ва инқилобӣ доштан ҳар ду донишманд мудом таҳти фишори сиёсати замони худ қарор доштанд. Масъалаи шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, ки ба таври мухтасар мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд, **ҷорӣ карда шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он асоснок карда шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои назариявии осори илмии донишмандони давраи маорифпарварии ҳам Аврупо ва ҳам Осиёи Миёна, инчунин, дар таълифи

асарҳои илмию фалсафӣ, бахусус, ҳангоми таҳияи таърихи фалсафаи маорифпарварӣ, фалсафаи илм ва методологияи таҳқиқоти илмӣ истифода бурд. Дастовардҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки мақоми воқеии ҷараёни маорифпарварии аврупоӣ ва тоҷик дар ҳадди қиёс муайян карда шавад.

Дар таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои файласуфони маорифпарвар, муҳаққиқони тоҷику рус, аврупоӣ, эронӣ ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯйоварӣ намудаанд, такя намудааст. Ҳамзамон, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, барномаю қонунҳои Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ташкил менамоянд, **баён гардидаанд**.

Дар асоси консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш барои ташаккули ҳаёти маънавии инсон нақши се омил: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият муҳим аст, **муайян карда шудааст**.

**Омӯхта шудааст**, ки ба ташаккули афкори маорифпарварии Ж.Ж. Руссо нахуст муносибатҳои иҷтимоии Фаронсаю Швейтсария ва дигар кишварҳои Аврупои ғарбӣ, инчунин осори донишмандоне чун Ш.Л. Монтескё, М.А. Волтер, Ҷ. Локк, Г. Гротсий, Т. Гоббс таъсири амиқ расонидаанд. Дар ҳоле ки афкори маорифпарварии Дониш дар заминаи сафарҳояш ба Руссияи подшоҳӣ инкишоф ёфтаанд;

**Пешниҳод гардид**, ки ҳам дар Франсия ва ҳам дар Осиёи Миёна идеали асосии маорифпарваронро тарғиби илму маориф, такя кардан ба қувваи эътимодбахши ақл, ислоҳи барномаҳои таълимии мактабу мадрасаҳо ташкил медиҳад. Ин идеали маорифпарварони Франсия дар тағйир додани сохти идораи давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пайдоиши ҷунбишҳои озодихоҳию ислоҳталабӣ рисолати таърихии худро иҷро кард, вале дар Осиёи Миёна маорифпарварон натавонистанд рисолати худро дар назди ҷомеа иҷро кунанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш хонаводаро қадимтарин ячейкаи иҷтимоӣ ҳисобида, арзёбӣ мекунанд, ки ҷомеа ба хотири ҳимояи аъзоёни худ таъсис дода мешавад ва ҳадафи асосии он ба саодати умумӣ расонидани мардум аст.

Дар рафти омӯзиш ва таҳқиқот осори муҳаққиқони авпупой Ҷ. Морлей, Г. Геффдин, Г. Грэхэм, Г. Гобел (И.Б. Базедов, Х.Г. Зальцман, И.Г. Кампе, Э.Х. Трапп, осори муҳаққиқони рус М.И. Розанов, Н.Н. Бахтин, Э.П. Кревина, Н.К. Крупская ва осори муҳаққиқони тоҷик А. Баҳоваддинов, И. Брагинский, Р. Ҳодизода, Ҳ. Ҳасанов, М. Комилов, Г. Ваҳобов, М. Тағоймурод, М. Диноршоев, Ғ. Ашӯров, И. Каримова ва С. Сулаймонӣ, ки дар асарҳо ва рисолаҳои худ дар ба ин масъала изҳори назар кардаанд, **истифода гардиданд.**

**Муайян гардид, ки** ақидаҳои маорифпарварии Ж.Ж. Руссо, тадриҷан, ҷонибдорони зиёд пайдо карда, афкори ҷомеаро тағйир дод ва то ба Инқилоби бузурги Фаронса оварда расонид, вале андешаҳои Аҳмади Дониш ҳарчанд боиси ба миён омадани як қатор маорифпарварон ва баъдан ҷадидон гардиданд, вале дар доираҳои маҳдуд боқӣ монданд.

Дар диссертатсия усулҳои маъмули соҳавӣ, мисли методи таърихию муқоисавӣ, таҳлили системавию мантиқӣ ва герменевтик мавриди истифода қарор дода шуданд.

Саҳми шахсии диссертант бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 04 июли соли 2024 Шурои диссертатсионӣ қарор қабул кард, ки ба Каримов Қадриддин Облобердиевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз трӯйи ихтисос – 3 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 10 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

**04.07.2024.**